# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Давлатов Миралӣ Абдусамадович аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Давлатов Мирали Абдусамадович соли 2006 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ бо дипломи аъло хатм намудааст. Баъди хатми Донишгоҳ Давлатов Мирали ба ҳайси ассистенти кафедраи тарбияи томактабӣ ба кор қабул қабул карда мешавад.

Соли 2006 то соли 2014 дар вазифаҳои ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг, ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети мазкур ва сардори маркази бақайдгирӣ ва иттилоотии низоми кредитии таҳсилоти донишгоҳ фаъолият намудааст.

Давлатов Мирали солҳои 2014 – 2019 дар вазифаи сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда, солҳои 2019 – 2020 ҷонишини директор оид ба таълими Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намудааст.

Солҳои 2020 – 2021 ҷонишини декан оид ба таълими ғоибонаи факултети иқтисод ва идора, баъдан дар вазифаи ҷонишини декан оид ба таълими рӯзонаи факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг фаъолият намудааст.

Аз соли 2021 то ҳоло дар вазифаи декани факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг фаъолият намуда истодааст.

Солҳои охир диққати Давлатов Мирали Абдусамадовичро проблемаи камтаҳқиқгардидаи омодасозии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ ба худ ҷалб намудааст. Дар диссертатсия барои анҷом додани пажӯҳиши илмӣ вазифаҳои муҳим, ба монанди дар чараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳорати касбӣ ва муошират педагогӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин қобилиятҳо зимни корҳои таълимию тарбиявӣ;

истифода намудани махорат, тачриба ва малакаҳои андухташуда аз ҷониби омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ оид ба муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол; кор карда баромадан ва дар амал татбиқ намудани барномаи муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол; роҳбарии дурусти педагогӣ ба ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагонии хурдсол ироа гардидааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Мирали аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бо такя ба таҳқиқотҳои педагогҳо ва психологҳои ватанию хориҷӣ таҳлили назариявии проблемаи омодасозии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ кушода дода шудааст. Ғояи асосии диссертатсияро омодасозии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ ташкил дода, он давра ба давра дар рафти корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Давлатов Мирали Абдусамадович худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ-методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Давлатов Мирали Абдусамадович оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 18 мақола ба нашр расонидааст, ки 8-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Давлатов Мирали Абдусамадович дар конфронсҳои илмии минтақавию чумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст. Ӯ дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии Донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, омӯзгори соҳибтачриба ва таҳқиқгари фаъол

мебошад. Ӯ дар байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Давлатов Мирали Абдусамадович теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзуи таҳқиқот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор: Мирализода Абдусалом

Имзои профессор Мирализода А.М.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.